«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти
зироаткории АИКТ
номзади илмҳои кишоварзӣ
_____________ Саидзода Р.Ф.
аз «08.» 02 с. 2021

**Хулосаи**

ҷаласаи якҷояи шӯъбаҳо ва озмоишгоҳҳои Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдумаликович дар мавзӯи "Хусусиятҳои морфо-биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар шароити Шимоли Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дар шӯъбаи агротехникаи зироатҳои кишоварзии Филиали Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, тайи солҳои 2011-2018 иҷро гардидааст.

Валиев Ҷамшед Абдумаликович, соли таваллудаш 15.01.1982, соли 2002 ба шӯъбаи рӯзонаи факултети агробизнеси Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дохил шуда, онро соли 2005 бо тахассуси маркетинг дар комплекси агросаноатӣ хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Валиев Ҷ.А., аз соли 2006 то имрӯз дар Филиали Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров идома дорад. Ӯ аз моҳи январи соли 2015 то январи 2016 вазифаи муовини директор оид ба истеҳсолот, аз моҳи январи 2017 то моҳи апрели 2018, директори муассиса ва аз моҳи апрели соли 2018 то имрӯз вазифаи муовини директор оид ба илмро, иҷро намуда истодааст.

Соли 2016 ба ҳайси унвонҷӯи Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2020 бомуваффақият хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ: Асозода Н.М. - доктори илмҳои кишоварзӣ, академики Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

Аз рӯйи ҷамъбасти муҳокимаҳо чунин хулосагирӣ карда шуд:

**Муҳимияти мавзӯъ.** Дар шароити камзамини ҷумҳурӣ оқилона ва самаранок истифода бурдани заминҳои обёришаванда манбаи асосии

истеҳсоли маҳсулотҳои ғизоӣ ба шумор рафта, парвариши ҷуворимакка дар кишти асосӣ ва такрорӣ аз ҷиҳати иктисодӣ фоидаовар буда, дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Тухмии навъу дурагаҳои ҷуворимаккаи аз хориҷа ба ҷумҳурӣ воридшуда, аз сабаби мутобиқ набуданашон ба иқлими гарм ва ҳарорати баланди ҳаво, қобилияти афзоиши (ҳаётгузаронии) гардҳо суст инкишоф ёфта, ба нопурра гардолудшавии сӯтаҳо оварда мерасонад ва дар натиҷаи он ҳосилникии дон паст мегардад.

Таҳқиқотҳои муасисаҳои илмӣ самаранокии татбиқи васеъи зироати ҷуворимаккаро дар системаи истифодаи окилонаи заминҳои обёришаванда исбот намуданд. Аммо таҳқиқотҳои иҷрошуда, аз ҷумла дар самти селексияи ҷуворимакка ба талаботи имрӯзаи соҳаи аграрии мамлакат пурра ҷавобгӯй нест, чунки дар шароити зуд тағйирёбии иқлим навъҳои ихтироъшуда хусусиятҳои морфо-биологиашонро гум карда ба гирифтани ҳосили паст ва гирифторшавии касалиҳои занбӯруғӣ оварда расонида истодааст.

Бинобар ҳамин, муҳимии корҳои илмию таҳқиқотии Валиев Ҷ.А., дар бораи омӯзишу таҳлили хусусиятҳои морфо-биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар минтақаҳои шимоли ҷумҳурӣ равона гаштааст ва дар натиҷа навъҳои серҳосилу бо давраҳои гуногуни пухтарасии дон ихтироъ карда шудааст, ки ин мавзӯи аҳамиятноки илмӣ ва амалӣ шуморида мешавад.

**Иштироки шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар комёб шудан ба натиҷаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Аз ҷониби Валиев Ҷамшед Абдумаликович пеш аз оғози корҳои илмию таҳқиқоти мавзӯъ, роҳбари илмӣ, барномаи корӣ таҳия намуда, дар корҳои таҷрибавӣ ва ҷамъоварии маълумотҳои илмӣ иштирок намуда, натиҷаи он дар ҷаласаҳои шӯъбаи зироатҳои кишоварзӣ, Шӯрои методӣ ва Шӯрои илмии муассиса муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Диссертатсияро шахсан худи муаллиф иҷро намуда, натиҷаҳои илмии бадастовардашуда низ таҳқиқоти мустақилонаи ӯ мебошад. Дар давоми ҳама давраҳои таҳқиқот муаллиф иҷрокунандаи асосии он буда, дар ин замина кори диссертатсияро пурра ба анҷом расонидааст.Дар натиҷаи корҳои селексионии бисёрсола ҷуворимаккаи навъи “Истиқлол”- ро ихтироъ намудааст.

Дар диссертатсия маводҳои ҳарсолаи натиҷаи таҳқиқотҳои баанҷомрасида, бақайдгирӣ ва мушоҳидаҳои фенологии таҷрибаҳои саҳроии муаллиф оварда шудааст. Санадҳои апробатсияи натиҷаи

корҳои таҳқиқотии таҷрибаҳои саҳрой дар замимаҳои диссертатсия пешниҳод гардидааст.

**Дараҷаи дурустии таҳқиқотҳои гузаронидашуда.** Таҳқиқот дар сатҳи баланди методӣ иҷро шуда, ба талаботи услубӣ низ ҷавобгӯй мебошад. Дар таҷрибаҳои илмии саҳрой усулҳои муосири умуми эътирофгардида тавассути услуби таҳлили дисперсионӣ Б.А. Доспехов [1979, 1985], самараи иқтисодӣ бо услуби Институти умуми иттифоқи илмӣ таҳқиқотии хӯроки чорво ба номи В.Р. Вилиямс [1971], муайян карда шудааст. Натиҷаи коркардҳо нишон доданд, ки нишондодҳои асосии таҳқиқотҳои гузаронидашуда дурустии амиқиро доранд. Хулосаву тавсияҳо ва истеҳсолотро муаллиф дар асоси таҳлилҳои илман асоснокшудаи таҳқиқот ва маводҳои воқеии таҷрибаҳои илмии саҳрой ва истеҳсолӣ таҳия намудааст.

**Натиҷаҳои нисбатан амиқи дастовардаи худи аспирант, навгониҳо ва аҳамияти амалии онҳо.** Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда,дар шароити заминҳои обии вилояти Суғд,бори аввал омӯзиши дақиқӣ 500 намунаҳои аввалияи ҷуворимаккаҳои бурунмарзӣ ва селексионии навъҳои маҳаллӣ,популятсионӣ,синтетикӣ ва шаҷараҳои худгардолудшаванда мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд, ки онхо ҳамчун маводҳои арзишнок дар оянда барои корҳои селексионӣ ва истеҳсолот истифода бурда мешаванд.

Дар шароити заминҳои обёришавандаи санглохи минтақаи Суғд, барои рӯёнидани ҳосили дон ва анбӯҳи сабз муаллиф тавсия медиҳад, ки дар кишти асосӣ ва такрорӣ ҷуворимаккаи ноҳиябандишудаи навъи “ Истиқлол” ба роҳ монда шавад,ки ин гирифтани то 80- 85 сентнер аз як гектар ҳосили донро таъмин менамояд.

**Аҳамияти амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар натиҷаи корҳои селексионӣ ҷуворимаккаи навъи “Истиқлол” (с.2019) ноҳиябандӣ карда шудааст, ки ҳосилнокии донаш ба 80-85с/га баробар аст ва нисбат ба навъи ноҳиябандишудаи назоратии “Зарафшон” 10,5 сентнер аз як гектар зиёд аст.Санҷиши истеҳсолии солҳои 2019-2020 нишон доданд,ки ҳосилнокии дони ҷуворимаккаи навъи “Истиқлол” дар хоҷагиҳои вилояти Суғд дар кишти асосӣ 85с/га,такрорӣ 60с/га-ро ташкил додааст ва майдони кишти он дар 30гектар татбиқ шудааст.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Дар доираи мавзӯъ 5 маводҳои чопшудаи илмӣ таҷассум ёфтаанд, ки аз он 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр

гардидаанд.Инчунин ҷуворимаккаи навъи “Истиқлол” ихтироъ карда шудааст.

**Фехристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**[1-М].** Валиев Ҷ.А. Хусусиятҳои морфологии навъу намунаҳои мутобиқшудаи ҷуворимакка дар шароити Шимоли Тоҷикистон / Ҷ.А. Валиев, Н. М. Асозода // Гузоришҳои АИКТ, 2020. – 3 (65). – С. 8-12.

**[2-М].** Валиев Ҷ. А. Маҳсулнокии навъу намунаҳои ҷуворимакка дар парваришгоҳҳои селексионӣ дар шароити минтақаи Суғд / Ҷ.А. Валиев, Н.М. Асозода // Гузоришҳои АИКТ, 2020. -3 (65). 13-16.

**[3-М].** Валиев Ҷ. А. Нишондиҳандаҳои морфобиометрии шаҷараҳои гуногуни ҷуворимакка дар шароити заминҳои санглохи хокашон бурии хокистаранги Шимоли Тоҷикистон / Ҷ. А. Валиев, Н. М Асозода // гузоришҳои АИКТ, 2020, -4 (66). –С.8-12.

**Ихтироот**

**[4-М].** Валиев Ҷ.А. Ҷуворимаккаи навъи “Истиқлол” / Шаҳодатномаи ҳуқуқи селексионер №01 аз 16.04.2019.

**Мақолаҳо ва тезисҳо дар маҷмӯаҳои маводи конференсияҳо**

**[5-М].** Валиев **Ҷ.А** Закономерность роста, развития и формирования урожая различных сортов кукурузы при основном сроке посева / Ҷ. А. Валиев, А. Валиев, М. Каримов М // Маҷмӯи корҳои илмӣ “Масъалаҳои ҳалталаб, дурнамои рушди соҳаи кишоварзӣ барои таъмини амнияти озуқаворие Тоҷикистон”, 2016. - ҷилди X. – С. 19-23.

**[6-М].** Валиев Ҷ.А. Особенности роста, развития и формирования урожая зелёной массы кормовых культур в повторных посевах / Ҷ.А. Валиев, А. Валиев, Д. Бобоев // Маводҳои конференсияи илмию амалии байналмилалии “Нақши соҳаи тухмипарварӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ”, Гафуровский р-он. - 2018. – С.190-192.

Кори диссертатсионии Валиев Ҷ.А. аз рӯйи шиносномаи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мувофиқ мебошад. Диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдумаликович дар мавзӯи “Хусусиятҳои морфо-биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар шароити Шимоли Тоҷикистон” ба ҳимояи ошкоро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи шӯъбаҳо ва озмоишгоҳои Институти зироаткории АИКТ қабул карда шуд.

Дар ҷаласа 36 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ ба тавсияи кори диссертатсионии номзадии Валиев Ҷамшед Абдумаликович дар мавзӯи "Хусусиятҳои морфо-биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар шароити Шимоли Тоҷикистон" барои ҳимояи ошкоро "тарафдор" - 36 нафар, "зид"-нест, "бетараф"-нест, протоколи №1 аз 05 феврали соли 2021.

Раиси ҷаласа,
номзади илмҳои кишоварзӣ — Пулотова Ш.С.

Котиби ҷаласа — Ятимов Б.К.

Имзоҳои Пулотова Ш.С. ва Ятимов Б.К.-ро
тасдиқ мекунам, сардори нозири кадрҳои
Институти зироаткории АИКТ — Раҳмонов Ш.Ш.